ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи “Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ.

Адабиёти классикии форсу тоҷик дар асрҳои XI-XII аз лиҳози ҷанбаҳои назарию амалии назму наср ва бо ба майдони шеъру шоирӣ гом ниҳодани як силсила адибони соҳибзавқу соҳибистеъдод яке аз даврахои шукуфоии хешро паси сар намудааст. Таҳаввулу ташаккули шеъру шоирӣ дар ҳавзаҳои адабии Хуросон, Ироқу Моварои Қафқоз, Мовароуннаҳр, Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон, ки бо қаламрави паҳновари Салҷуқиён иртибот доштанд, бештар ба назар мерасид. Тавассути ин ҳавза ва доираҳои адабӣ шоирони маъруф ва машҳури давр тавонистанд, ки дар ғановати адабиёти тоҷик хизматҳои шоиста анҷом диҳанд. Амир Муиззии Нишопурӣ аз ҷумлаи адибони қасидасаро ва соҳибдевонест, ки дар даврони Салҷуқиён то мартабаи маликушшуарои дарбор расидааст.

Аҳаммияти диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф дар асоси сарчашмаҳои дақиқ ва нисбатан комил доир ба вазъи сиёсӣ, иҷтимоии замон, таъсир ва нақши вазъи мавҷуда ба ҷаҳонбинӣ ва орои шоир, чараёни зиндагии адиб, рӯҳияи эҷодӣ ва сабки нигориш, миқдори абёт ва мазмуну мундариҷаи девони ашъор, махсусиятҳои бадеӣ ва ҳунарии ашъори Амир Муизӣ пажӯҳиши густарда анҷом дода, андешаҳои судманди илмӣ баён намудааст. Омӯзиши мавзуи мазкур, аз як тараф, маълумотномаи муҳим оид ба муҳити адабии замони Салҷуқиён дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII-ро баён намояд, аз тарафи дигар, масъалаи такомул ва ташаккули анвои гуногуни жанрҳои адабиро бармало месозад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ ва дар бахши тавсифи умумии таҳқиқ мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, асосҳои назарӣ, методологӣ, сарчашмаҳо ва навгонии илмии таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳо ба таври возеҳ баён шудааст.

Боби якуми диссертатсия – «Вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмию адабӣ дар замони зиндагии Амир Муиззӣ» – ба се фасл тақсимбандӣ шудааст. Дар фасли аввал, ки «Вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии Хуросон дар замони Амир Муиззӣ» унвон дорад, довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ мухтасаран авзои сиёсию иҷтимоии замони адибро мавриди баррасӣ қарор

дода, дар ин замина доир ба воқеияти иҷтимоӣ. мазмун ва мавзуоти адабиёти давр, вазъи адабиёти дарборӣ, рӯзгор ва осору мундаричаи эҷодии суханварони аҳди Салҷуқӣ изҳори андеша намудааст. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки "ҳар як адиб ва эҷодкор. пеш аз ҳама. фарзанди замон ва намояндаи ҷомеаи худ аст, ки дар он тарбия меёбад ва ба камол мерасад" (Авт., с. 10). Амир Муиззӣ ва ҳама адибони ин давр махз дар чаҳорчӯби талаботи замони ҳукмронии сулолаи Салҷуқиён, ки он аз як давлати қабилавӣ то сулолаи бузургтарини минтақа густариш ёфта буд. зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия. ки «Авзои илмию адабии замон» ном дорад, авзои ноорому вазнин ва пур аз ихтилофоти динии руҳониён, задухурдҳои сулолаи Ғазнавиёну Салҷуқиён ёдрас шудааст. Вале новобаста ба ташаннуҷи замон муаллиф таъкид месозад. ки дар ин давра ташкили доира ва мактабҳои бонуфузи адабӣ. рушди адабиёт аз лиҳози инкишофи жанрҳои адабӣ, ғанӣ гаштани мавзуъ ва мундариҷаи осори адибон, афзоиши теъдоди адибон бештар ба назар мерасад. Ба андешаи диссертант, ривоҷу равнақ ёфтани як қатор илмҳои замон. аз ҷумла. фиқҳ. тафсиру ҳадис, наҳву сарфи забони арабӣ ва луғату адаб ба сохтмони мадрасаҳо ва ҷалби доираи васеи донишмандони давр, ба мисоли Абуҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ, Авҳадуддин Анварӣ, Рашиди Ватвот. Самъонӣ. Абулқосим Исмоил ибни Абуалии Байҳақӣ вобаста мебошад. Ҳамчунин дар ин фасл диссертант саҳми донишмандони бузургро дар таълифи тазкираҳои мондагор, аз қабили «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ. «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашидаддини Ватвот. «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ сазовори таваҷҷуҳ медонад.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия. ки «Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён» номгузорӣ шудааст, идомаи мантиқии фасли дуюм мебошад. Дар ин фасл низ диссертант такя ба сарчашмаҳои илмӣ-адабӣ ва таърихӣ намуда, роҷеъ ба ташаккул ва пешрафти ҳавзаҳои адабии Хуросон. Ироқу Моварои Қафқоз, Мовароуннаҳр, Ғазнин ва ғарби Ҳиндустон марказҳои бузурги илмӣ-адабии шаҳрҳои Нишопур, Ҳирот, Марв. Балх. Лоҳур. Исфаҳон ва амсоли ин андешаронӣ намудааст. Дар асоси маълумотҳои мавҷуда муҳаққиқ ба чунин хулоса омадааст, ки: "...дар замони Салҷуқиён аксарияти шуаро дар ҳавзаи адабии Хуросон ҷамъ омадаанд ва аз марказҳои адабии мавҷуда ҳавзаи адабии Хуросон муқтадиртар будааст. Дар худи Хуросон якчанд доираҳои адабӣ фаъолият доштанд. Чунончи. мароказӣ адабии Нишопур, Ҳирот. Марв. Балх ва ғ." (Авт., с. 21).

Диссертант дуруст қайд менамояд. ки дар асрҳои XI-XII густариши осори адабии адибони форсизабони хеле зиёд шудааст. Маҳсули эҷоди адибони машҳури ин давр, ба мисоли Ҷамолуддини Исфаҳонӣ, Камолуддини

Исфаҳонӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Хоконии Шарвонӣ, Заҳирии Форёбӣ, Ҷавҳарии Заргар, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Амир Муиззӣ ва чанд тани дигар қариб дар тамоми хавза ва доираҳои адабӣ маълуму машҳур гашта буданд. Ва сарвари ин шоирон Муизӣ будааст, ин макому манзалати ӯро диссертант хеле хуб муайян кардааст.

Боби дуюми диссертатсия, ки аз бобҳои калонтарини таҳкикот махсуб мегардад, «Рӯзгор ва осори Муиззӣ» номгузорӣ шудааст. Чунонки маълум мегардад, онро муҳаккиқ ба се фасл ва бо максади равшантар гаштани мавзуи таҳкикшаванда фаслҳоро ба зерфасл ва бахшҳо таксимбандӣ намудааст. Дар ду зерфасли фасли аввал, ки «Дарачаи омӯзиши рӯзгор ва осори Муиззӣ» ва «Шарҳи ҳоли Амир Муиззӣ» номгузорӣ шудаанд, диссертант ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва маълумоти адабиёти илмии муосирро, ки дар онҳо дар бораи рӯзгору осори Амир Муиззии Нишопурӣ нуктаҳои муҳим баён гардидаанд, баррасӣ намудааст.

Дар фасли дуюм, ки аз панч бахш иборат мебошад, бо мақсади ҳамаҷониба мавриди омӯзиш карор додани мавзуи мавриди баҳс диссертант пажӯҳиши хешро ба чор марҳала тақсим намуда, баёнро осонтар намудааст. Дар ин фасл ва бахшҳои он муаллиф роҷеъ ба макони валодат, шахсият, ному насаб ва кунят, рӯзгору макони фавти Амир Муизӣ андешаҳои ҷолиби илмӣ баён намудааст, ки барои пажӯҳишҳои минбаъдаи адабиётшиносии тоҷик судманд ва роҳкушо хоҳад буд.

Дар ду зерфасли фасли сеюми боби дуюми диссертатсия «Осори Муиззӣ аз нигоҳи мавзуъ ва анвои адабӣ» масъалаҳои «таркиби жанрии нусхаҳои чопии девони шоир» ва «мавзуъҳои асосии эҷодиёти шоир» мавриди таҳкики диссертант қарор дода шудаанд. Бояд кайд намуд, ки дар зерфаслҳо муҳаққиқ хеле хуб тамоми осори чопшудаи Амир Муизиро ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намудааст, ки аҳаммияти калони илмиро молик мебошад. Дар зерфасли сеюми фасли сеюми таҳкикот дар бораи маҳорати шоирии Амир Муизӣ дар иншои як силсила анвои шеърӣ, аз ҷумла, қасида, рубоӣ, ғазал, муқаттаот, таркиббанд, тарчеъбанд ва мусаммат нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия «Таҳқиқ ва нашри девони Амир Муиззӣ» номгузорӣ шуда, ба ду фасл тақсим карда шудааст: «Девони ашъори Муиззӣ ва нусхаҳои дастнависи он дар китобхонаҳои ҷаҳон» ва «Чоп ва нашри девони Муиззӣ». Чунонки муҳаққиқ кайд менамояд, нусхаҳои комили девони мунтахаби ашъори Муиззӣ дар мамолики Эрон, Туркия, Аврупо, Амрико, баъзе давлатҳои машриқзамин ва ҷамоҳири давлатҳои муштаракманофеъ маҳфузанд. Аммо баррасӣ ва мураттаб сохтани осори Муиззӣ дар давлатҳои номбурда баробар нест. Дар ин миён мураттибон корҳои намоёнро анҷом додаанд.

Дар фасли дуюми боби сеюми диссертант ишора менамояд, ки нашри осори Муиззӣ таърихи наздики садсола дорад. Баъди омӯзиш ва баррасии ин масъала муҳиккик ба хулосае меояд, ки девони Муиззӣ соли 1843 ба миқдори 154 саҳифа ба табъ расида, аммо доир ба мусаҳҳеҳ ва макони нашр маълумоте дода нашудааст. Довталаби дарачаи илмӣ барҳак таъкид менамояд, ки аз мураттибони баъдина Абдулкарим Ҷарбазадор, Муҳаммад Ризо Қанбарӣ заҳмати бештар кашида, бар иловаи таҳияи матн, инчунин, қисмати «Таъликот ва ҳавошӣ» бахшида ба шарҳу тавзеҳи йситилоҳоти лоики тавзеҳ, феҳристи ашъор аз рӯйи ҳуруфи қавофӣ, феҳристи ашъор аз рӯйи авалин мисраъ ва китобшиносии тавзеҳии мукаддима ва таъликот фаслҳои алоҳида бахшидааст.

Хуллосаи диссертант дар масъалаи баррасӣ ва чопи осори Амир Муиззӣ чунин аст: «... то имрӯз чопи илмӣ-интикодии комилан саҳеҳи девони шоир ба миён наомадааст. Анҷоми он аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи илми матншиносии муосир маҳсуб мешавад» (Авт., с. 35).

Боби чоруми диссертатсия «Хусуситҳои бадеии ашъори Муиззӣ» унвон гирифта, ба ду фасл тақсим шудааст. Фасли якум «Вижагиҳои шеъри мадҳӣ-ситоишии замони Салчуқиён» ва фасли дуюм Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ» ном дорад.

Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки дар замони ҳукмронии Салчуқиён шоирон мекушиданд, ки дар қасидаҳои мадҳиявии худ суханро дар сатҳи олӣ ва ағлаб дур аз дарки оммаи мардум қарор диҳанд ва онро фақат дархури мутолиа ва қазовати хос ба илму адаб қарор бидиҳанд. Албатта, дар амалӣ гаштани ин ниятҳои тоифаи болонишин ва шуарои мадҳиясаро забони аҳли дарбор, ки забони форсӣ-тоҷикӣ буд, хизмати шоистаро анҷом медод.

Фасли дуюми боби чоруми диссертатсия «Васфи аносири давлат ва давлатдорӣ дар қасоиди Муиззӣ» ном дошта аз се зерфасл таркиб ёфтааст. Дар ин зерфаслҳо ороядҳои бадеии муболиға (иғроқ, ғулув), ташбеҳ ва анвои он ва истиора мавриди таҳқиқи комил қарор гирифтаанд.

Амир Муиззӣ, ки беш аз ними умри худро дар дарбори сулолаи Салчуқиён гузаронидааст, табиист, ки бар авсофи ҳукамои аҳли дарбор мадҳияҳои зиёде офаридааст. Аз ин рӯ, довталаби дараҷаи илмӣ барҳак таъкид менамояд, ки бештари қасоиди шоир дар мадҳу таҳнияти ҳокимони Салчуқӣ, арбобони бузурги салтанат, ақрабои эшон, ғалабаҳо дар набардҳои ҳарбӣ, қаҳрамониҳои сарлашкарони ин сулола суруда шудаанд.

Дар диссертатсия оид ба маҳорати шоир дар истифодаи санъатҳои бадеӣ, бахусус, муболиға, ташбеҳ ва истиора маълумоти саҳеҳтар ва васеътар медиҳад. Муаллиф дуруст ишора мекунад, ки ин се навъи саноии бадеӣ баҳри муъҷизу таъсирбахш баромадани мақсади шоир басо нишонрасанд.

Хулосаи диссертатсия дар 25 банд пешниҳод гардидааст ва ин аз ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтани мавзуи интихобгардида дарак медиҳад.

Автореферати диссертатсия бо забони устувор ва равони илмӣ навишта шудааст ва ин далели рушану возеҳи он аст, ки муаллиф барои анҷоми таҳқиқоти хеш заҳмати зиёде кашидааст

Дар фишурда баъзе нуктаҳои баҳсталаб мавҷуданд, ки бо мақсади афзудани қимати бештари илмии диссертатсия баёни баъзеи онро лозим медонем:

1. Хуб мешавад, агар фаслҳои 2 ва 3-юми боби якум, ки «Авзои илмию адабии замон» ва «Муҳити адабӣ дар замони Салҷуқиён» номгузорӣ шудаанд, якҷо карда шаванд.
2. Дар баъзан бобҳо такрори айнии ҷумла ва сархатҳо ба назар мерасад. Масалан, дар саҳифаи 4 ва 22 сархатти "Аз муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ ягона шахсе, ки..." ё ки дар саҳифаи 22 ва 40 сархати "Ҳанӯз ҳангоми дар қайди ҳаёт будани Муиззӣ муаллифони сарчашмаҳои илмии адабиётшиносӣ...".
3. Дар баъзе саҳифаҳои афтореферат ҳарчанд, ки матни сарчашмаҳо оварда нашуданд, ба андешаи мо, изҳори андешаи диссертант нишон додани сарчашмаро тақозо менамояд. Масалан, дар дар саҳифаи 24 фасли якуми боби дуюм.

Албатта, ин пешниҳод ва эродҳои мо хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Мазмун ва муҳтавои фишурдаи он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия шудааст, комилан ба талаботи меъёрҳои муқараргардида мувофиқат менамояд. Афтореферат мундариҷаи кор ва мазмуну муҳтавои 4 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор ёфтаи диссертантро доир ба мавзуи мавриди назар пурра инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳайдаров Фахриддин Наботович дар мавзуи «Амир Муиззӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти аҳди Салҷуқиён» (нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарриз:
доктори илмҳои филологӣ, дотсент,
директори генералии Муассисаи
давлатии “Мучтамаи чумхуриявии
осорхонаҳои Кӯлоб” Асозода Ҳ. Р.

«10 » сентябри соли 2025.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Р. Солеҳова № 5.
Тел.: (+992) 918633745 E-mail : hamadoni@mail.ru

Имзои Асозода Ҳотам Раҷаброро
тасдиқ мекунам:
мудири бахши кадрҳои Муассисаи
давлатии “Мучтамаи чумхуриявии
осорхонаҳои Кӯлоб” Раҳмонова Р.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
шаҳри Кӯлоб, хиёбони Сомонӣ, 10.
Телефон: (+992)985181825;; факс: (8 33 22)226-99.
E-mail: info@tnu.tj 227-15-10.

«10» сентябри соли 2025.